«Тасдиқ менамоям»
Ректори МДТ «Донишгоҳи давлатии
Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ»,
дотсент ________________ Сафарзода М.В.
«_______»______________ соли 2025

# ХУЛОСАИ
# МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ»

Баррасии таҳқиқоти диссертатсионии хатмкардаи докторантураи PhD – и назди донишгоҳ Ҳусайнзода Руҳуллоҳ Салоҳуддин (Ҳусайнов Руҳулло Салоҳуддинович) дар мавзуи «Саҳми Абурайҳони Берунӣ дар инкишофи донишҳои риёзӣ дар асрҳои миёна» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060100 – математика, 6D060101 - Таърихи илму техника (математика).

Рисолаи докторант аз рӯйи ихтисос (PhD) дар мавзуи «Саҳми Абурайҳони Берунӣ дар инкишофи донишҳои риёзӣ дар асрҳои миёна» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси ихтисоси 6D060100 – математика, 6D060101 - Таърихи илму техника (математика). дар шурои дииссертатсионии 07.00.10. таърихи илму техника дар кафедраи математика ва методикаи таълими они Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ» анҷом дода шудааст.

**Маълумот дар бораи довталаб:** Ҳусайнзода Руҳуллоҳ Салоҳуддин 12 майи соли 1989 дар ноҳияи Мастчоҳи вилояти Суғд дар оилаи омӯзгор ба дунё омадааст. Қадамҳои нахустини худро соли 1995 ба синфи якуми МТМУ-и №31-и ноҳияи Мастчоҳ гузошта онро соли 2006 бо баҳои хубу аъло хатм кардааст. Баъди хатми мактаби миёна соли 2007 ҳуҷҷатҳои худро ба Литсейи касби кишоварзии н.Мастчоҳ супорида онро бо ихтисоси информатика соли 2007 хатм намудааст. Соли 2009 тариқи

буҷавӣ ба факултети математика ва информатикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дохил шуда, онро соли 2013 бо ихтисоси математика бо муваффақият хатм намудааст, соли 2014 то соли 2016 зинаи магистратураи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ факултети физика ва математикаро бо ихтисоси математика бо муваффақият хатм намуда, аз соли 2016 ба зинаи докторантура аз рӯйи ихтисос (PhD) дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дохил шуда, онро соли 2019 бо баҳои аъло хатм намудааст. Аз соли 2013 то соли 2014 ба ҳайси муаллими фанни математикаи МТМУ-и №17-и ноҳияи Мастчоҳ, аз соли 2014 то соли 2018 ба ҳайси муаллими фанни математика ва физикаи МТМУ-и №2-и ш. Кӯлоб ва инчунин аз соли 2016 то инҷониб ба ҳайси омӯзгори кафедраи математика ва методикаи таълими они Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ кору фаъолият дорад.

Мавзуи рисолаи таҳти унвони «Саҳми Абурайҳони Берунӣ дар инкишофи донишҳои риёзӣ дар асрҳои миёна» зери роҳбарии доктори илмҳои физикаю математика, профессор, директори Институти илмӣ-таҳқиқотии таърихи илмҳои табиатшиносӣ ва техникаи назди Донишгоҳи давлатии Бохтар  ба номи Носири Хусрав Комилӣ А. Ш.,  тибқи қарори Шурои олимони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз 29 майи 2017 протоколи №10 ва бо тағйиру илова (01 декабри 2022 таҳти №4/5-13) тасдиқ гардидааст.

Диссертатсияи илмии Ҳусайнзода Руҳуллоҳ Салоҳуддин дар семинари ҷаласаи кафедраи математика ва методикаи таълими они Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз 30.10.2025 бо протоколи № 3 муҳокима гардидааст.

Дар натиҷаи муҳокимаи диссертатсияи илмӣ дар мавзуи «Саҳми Абурайҳони Берунӣ дар инкишофи донишҳои риёзӣ дар асрҳои миёна» чунин хулосаҳо бароварда шуд.

**Баҳодиҳӣ ба иҷрои диссертатсия.** Диссертатсияи докторанти PhD Ҳусайнзода Руҳуллоҳ Салоҳуддин дар мавзуи «Саҳми Абурайҳони Берунӣ дар инкишофи донишҳои риёзӣ дар асрҳои миёна» дар шароити муосир мавзуи рӯзмарра буда, бо забони хуби илмӣ навишта шудааст ва таҳқиқоти анҷомёфта ба ҳисоб меравад.

**Мақсади таҳқиқот**. Мақсади асосии таҳқиқоти мазкур омӯзиши осори риёзии Абурайҳони Берунӣ, муайян кардани нақш ва саҳми ӯ дар ташаккул ва инкишофи донишҳои риёзии асрҳои миёна баҳисоб меравад. Инчунин, ошкор намудани паҳлуҳои камомӯхта ва тамоман наомӯхтаи баъзе аз бахшҳои риёзиёт дар таърихи илм ва техника дар рисола мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

**Вазифаҳои таҳқиқот**. Вобаста ба омӯзиш ва пажуҳиши диссертатсия мақсад ва вазифаҳои мушаххас гузошта мешавад, ки барои татбиқи ҳадафи гузошташуда иҷрои вазифаҳои зерин зарур аст:

– баррасии масъалаҳои асосии риёзиёт дар асрҳои миёна;
– баррасии мавқеъ ва нақши донишҳои риёзӣ дар осори Абурайҳони Берунӣ;
– таҳқиқи таҳаввул ва инкишофи илми мусалласот (тригонометрия) дар системаи риёзиёти асримиёнагӣ дар мисоли осори Абурайҳони Берунӣ;

**Объекти таҳқиқот**. Муайян намудани роҳҳои таҳаввули таърихи риёзиёт дар олами исломи асримиёнагӣ дар мисоли осори риёзии Абурайҳони Берунӣ.

**Мавзуи таҳқиқот**. Омӯзиши осори риёзии Абурайҳони Берунӣ ва ҷойгоҳи он дар осори ӯ. Инчунин, татбиқи риёзиёт дар дигар соҳаҳои дониш ва ҷойгоҳи тригонометрия дар системаи риёзиёти Абурайҳони Берунӣ.

Зарфиёти мазкур дар шароитҳои зерини педагогӣ метавонад самаранок татбиқ гардад:

– дар низоми таҳсилоти касбӣ ҳангоми омӯзиши фанни математика ташаккули салоҳиятмандии технологияҳои иттилоотӣ-

коммуникатсионии донишҷӯён таъминоти методии заруриро соҳиб аст;

- мустақилияти маърифатии технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионии мутахассисониояндаро ҳамчун МТО сохторе баррасӣ менамояд, ки дар омӯзиши фанни математика мундариҷаи мувофиқ ва технологияҳои истифодаи мустақилиятро барои рушди мукаммали он дар раванди омодагии касбӣ талаб менамояд;
- дар низоми таҳсилоти касбӣ омӯзиши фанни физика ҳамчун раванди мақсаднок баромад мекунад, ки мундариҷа ва усулҳои фаъолияти онро технологияҳои ҷузъҳои фаъолияти маърифатӣ дар ягонагӣ ва алоқамандии байниҳамӣ таъмин месозад;
- дар шароити рушди рӯзафзуни технологияҳо, ки зарурияти масъулият ва мустақилиятро пеш меорад, тағйироти талаботи асосӣ ба фаъолияти касбӣ илман асоснок гаштаанд.

**Фарзияи таҳқиқот.** Аз як қатор тахминҳо иборат мебошад:

- Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйирот дар соҳаи татбиқи технологияҳои компютерӣ ва иттилоотӣ – иртиботӣ ба низоми таҳсилоти олии касбӣ баъд аз гузаштан ба Низоми Болонии таҳсилот ба вуқуъ пайвастанд. Барои рақобатпазирии мутахассисон дар бозори меҳнат, ки дар мувофиқа бо низоми таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон тайёр карда мешаванд, ба онҳо салоҳиятҳои махсус зарур мебошанд, ки бо технологияҳои компютерӣ ва иттилоотӣ – иртиботӣ алоқамандянд;
- Коркарди салоҳиятҳои зарурӣ дар донишҷӯёни равияҳои омузгории муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба сатҳи ҷаҳонӣ мувофиқ мебошад, бе истифодабарии технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ имконнопазир мебошад;
- вазъи воқеии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди омӯзиши технологияҳои компютерӣ ба мутахассисони равияҳои омӯзгорӣ, ба таҷҳизонидани қонеъкунандаи техникии муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар умум нигоҳ накарда, дар сатҳи начандон баланд қарор дорад;

– Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони барқароршавии системаи истифодабарии технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ барои тайёрии мутахассисон дар доираи таҳсилоти олӣ қарор дорад;
– омӯзиши вижагиҳои тахассусӣ – салоҳиятнокии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олӣ оиди донишҳои математика дар ҷодаи донишҳо, маҳорату малакаҳои истифодабарии технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ.

**Марҳилаҳои таҳқиқот.**

Таҳқиқоти мазкур асосан дар се марҳила гузаронида шудааст.

– Дар марҳилаи аввал (2016-2018) – интихобу тасдиқи мавзуъ ва ҷамъоварию шиносоӣ бо осоре, ки роҷеъ ба омӯзиши таърихи илм ва техника таҳия шудааст. Дар ин марҳила аз соли 2016 нашри мақолаҳо ва гузоришоти илмӣ оид ба мавзуъ оғоз гардида, таълифу нашри чунин мақолаҳо ва маърузаҳо дар ҳар се марҳила идома ёфтааст;
– Дар марҳилаи дуюм (2018-2020) – ба ғайр аз идомаи навиштани мақолаҳову фишурдаҳои илмӣ, инчунин таснифи қисмати назариявию методии рисола мавриди баррасӣ қарор гирифтааст;
– Дар марҳилаи сеюм (2020-2023) – нашри мақолаҳои илмӣ идома ёфта, навиштани рисола ва баррасии он дар ҷаласаи кафедраи “математика ва методикаи таълими он”-и Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ ва инчунин дар ҷаласаи махсуси Институти илмӣ-таҳқиқотии таърихи илмҳои табииётшиносӣ ва техникаи назди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав амалӣ гардида, бо назардошти ислоҳи эродҳои мавҷуда ба ҳимоя пешниҳод гардидааст.

**Асосҳои методологии таҳқиқотро** мавқеъҳои психологӣ-педагогӣ ва умумифалсафие ташкил медиҳанд, ки дар дараҷаи мушаххаси илмӣ дар консепсияи раҳёфтҳои шахсӣ-фаъолиятӣ, нимсубъектӣ (диалогӣ) ва аксиологӣ инъикос меёбад, дар дараҷаи умумиилмӣ бошад – дар

консепсияи раҳёфтҳои системавӣ ва мукаммалият ба омӯзиши зуҳуроти педагогӣ.

Вобаста ба фарзия ва ҳадафи умумӣ дар назди таҳқиқот вазифаҳои зерин гузошта шудаанд:

дар шароити рушди динамикии технологияҳо тағйироти талаботи асосиро ба фаъолияти касбии мутахассис таҳлил намудан;

– дар рафти омоданамоии касбӣ ҳангоми омӯзиши фанни математика ҷузъҳои сохтории салоҳиятнокии технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионии донишҷӯёнро ошкор намудан;
– хусусиятҳои технологӣ ва мундариҷавии фанни математикаро ҳамчун фанни таълимӣ дар раванди омоданамоии касбӣ дар мустақилияти маърифатии технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионии донишҷӯён таҳқиқ намудан;
– дар раванди омӯзиши фанни математика дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ самтҳои асосии таъмини ташаккули салоҳиятнокии технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионии донишҷӯёнро таҳия намудан;
– дараҷаҳо ва меъёрҳои салоҳиятнокии технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионии донишҷӯёнро дар рафти омӯзиши фанни математика дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ муайян намудан.

**Сарчашмаҳои асосии таҳқиқотро** ҳуҷҷатҳои расмӣ оид ба маориф; нақшаҳои таълимӣ, барномаҳо, китобҳои дарсӣ, дастурҳои методӣ ва таълимӣ; корҳои сотсиологӣ оид ба рушди шахсият; сарчашмаҳои адабии мамлакатҳои дуру наздики хориҷ, адабиёти ватанӣ роҷеъ ба масъалаҳои ташкили пурраи раванди таълим ҳамчун фаъолияти омӯзгор ва хонандаро дар бар мегиранд.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Дар ҳолати додашуда маҷмуи методҳои ҳамдигарро пурракунандаи зерин, ҷиҳати назорат аз болои қарорҳо ва фарзияҳои аввалия, истифода гаштанд:

– *методи мушоҳида* (мушоҳидаи бевосита, бавосита ва воридшуда);

– *методҳои озмоишӣ* (озмоиши ташхисӣ ва дигаркунанда);
– *методҳо ва саволномаҳои ташхисӣ* (мусоҳиба, суҳбат, анкета);
– *методи таҳлили* маҳсулӣ (фаъолияти донишҷӯён);
– *методҳои назариявӣ* (абстраксиякунонӣ, таҷриба, таҳлил, амсиласозӣ).

**Пойгоҳи асосии таҳқиқот.** Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ”.

**Навгонии илмии таҳқиқот** иборатанд:
– аввалин маротиба таърихи илми ватанӣ осори риёзии Абурайҳони Берунӣ аз лиҳози таърихи илм ва техника мавриди баррасӣ қарор гирифтааст;
– аввалин маротиба дар Тоҷикистони соҳибистиқлол нақш ва саҳми Абурайҳони Берунӣ дар ташаккул ва инкишофи бахшҳои гуногуни риёзиёт (назарияи ададҳо, тригонометрия ва алгебра) нишон дода шудааст;
– аҳаммияти омӯзиши осори риёзии Абурайҳони Берунӣ барои хонандагону донишҷӯёни МТМУ ва МТОК-и кишвар ба назар гирифта шудааст;
– дар доираи таърихи математика нақши осори риёзии Абурайҳони Берунӣ барои донишмандони баъдина баррасӣ гардидааст.

**Нуқтаҳои ҳимояшавандаи диссертатсия**:
– таҳаввул ва инкишофи таърихи математика дар мисоли осори риёзии Абурайҳони Берунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
– омӯзиши донишҳои риёзӣ тавассути осори Абурайҳони Берунӣ дар ҷараёни таълими математика дар ҷумҳурӣ;
– тайёр кардани мутахассисони соҳаи таърихи математика омили муҳимми инкишофи илму техника дар ҷумҳурӣ;
– ташаккул ва инкишофи донишҳои тригонометрӣ (тригонометрияи ҳамвор ва куравӣ) дар осори риёзии Абурайҳони Берунӣ.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот**. Рисола дорои арзиши илмӣ-назариявӣ ва илмӣ-таърихӣ мебошад. Маводи таҳқиқот, хулоса, натиҷа, пешниҳод ва интишороти муаллиф метавонанд ҳамчун манбаи омӯзишӣ дар соҳаи таърихи математика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии касбии кишвар хизмати арзанда намоянд.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот**:

– натиҷаҳои таҳқиқотро ҳангоми таълифи пажуҳишоти ҷамъбастӣ оид ба таърихи математика дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз он, ҳангоми хондани фанҳои элективӣ ва курсҳои махсус дар МТМУ ва МТОК-и кишвар, хусусан дар факултет ва риштаҳои тахассусии математикӣ метавон истифода бурд.

– натиҷаи омӯзиш метавонад дар шакли мақолаҳои илмӣ, илмию методӣ ва илмию оммавӣ барои донишҷӯёну унвонҷӯён, магистрантон ва докторантони PhD барои навиштани рисолаҳои тахассусӣ хизмат кунад;

– инчунин натиҷаи кор барои омӯзгорони МТМУ ва донишҷӯёну унвонҷӯён ва устодони МТОК-и равияи риёзиву табииётшиносии кишвар манфиатовар хоҳад буд;

– аз натиҷаи таҳқиқот, албатта дар навиштани монографияҳо ва маҷмуаҳои тахассусӣ муҳаққиқони соҳаи таърихи математиика метавонанд васеъ истифода баранд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ**.

– Асоси методологии диссертатсияро принсипи таърихият, таҳлили таърихӣ-илмии таърихи математика, таърихи ташаккули донишҳои табиӣ, риёзӣ ва фалсафӣ ташкил намуда, имконият медиҳад, ки далелҳои таърихӣ вобаста ба ҳамгироии донишҳои риёзию табиӣ дар илмҳои дақиқ, физика ва математика баррасӣ гарданд;

– Дар ҷараёни тадқиқот методҳои гуногуни маърифат: таҳлил, шарҳ, татбиқ, муқоиса ва хулосабарорӣ истифода шудаанд;

– Пажуҳишоти таърихие, ки бар ин усул асос ёфтаанд, метавонанд хусусиятҳои сифатан навро касб карда, заруратy аҳаммияти таърихи математикаро ба талаботи имрӯзаи ҷомеа тавсиф намояд, ки бидуни донишҳои таърихи математика натанҳо дарку фаҳмиши математикаи муосир, балки дарку фаҳмиши дигар соҳаҳои донишҳои табииётшиносӣ имконнопазир аст.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.**

Таҳқиқи илмии диссертатсияи мазкур комилан ба шиносномаи ихтисоси ихтисоси 6D060100 – математика, 6D060101 - Таърихи илму техника (математика) яъне омӯзиш, пажуҳиш, таҳлил ва шарҳи таърихи донишҳои риёзӣ мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии муаллиф ва тасдиқи натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ.** Натиҷаҳои таҳқиқот дар шакли маърузаҳо дар семинару ҷаласаҳои кафедраи “Математика ва методикаи таълими он”-и Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, дар конференсияҳои минтақавию вилоятӣ, ҷумҳуриявию байналмилалӣ дар Кӯлоб, Бохтар ва Душанбе баррасӣ гардидаанд. Бахше аз натиҷаҳои пажуҳишот инчунин дар ҷаласаи махсуси Институти илмӣ-тадқиқотии таърихи илмҳои табииётшиносӣ ва техникаи назди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав инъикос ёфтаанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Мундариҷаи асосии рисола дар шакли мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои эътирофгардидаи КОА-и назди Президенти ҶТ, КОА-и Вазорати маориф ва илми ФР ва инчунин дар дигар маҷаллаву маҷмӯаҳои илмӣ дар шаҳрҳои Душанбе, Кӯлоб ва Бохтар ва дар шакли китоби ҳаммуаллифӣ ба нашр расидааст.
Диссертатсия дар ҷаласаи васеи кафедраи “Математика ва методикаи таълими он”-и Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ бо иштироки мутахассисону донишмандон аз дигар донишгоҳҳои кишвар ва аъзоёни Шурои диссертатсионӣ аз рӯйи ихтисоси 07.00.10 – Таърихи илм ва техника, доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси

ихтисоси 6D060100 – математика, 6D060101 - Таърихи илму техника (математика). баррасӣ гардида, ба ҳимояи кушод тавсия шудааст.

**Интишорот аз рӯи мавзуи диссертатсия**. Аз 30 интишороти умумии муаллиф натиҷаҳои таҳқиқот оид ба мавзуи диссертатсия дар 20-тои он инъикос ёфтаанд, ки аз он 6 мақолаи илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла 4 мақола бидуни ҳаммуаллифӣ ва мақолаҳои боқимонда дар дигар нашрияҳо ба чоп расида, маводҳои конференсияҳои илмии ҷумҳуриявӣ ва байналмиллалиро ташкил додаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз бахшҳои «Муқаддима», «Тавсифи умумии кор», се боби иборат аз ҳафт параграф, бахши «Хулосаҳо», «Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия» ва «Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо», «Феҳристи рӯйхати адабиёт ва таълифоти истифодашуда» иборат аст.

Ҳаҷми умумии диссертатсия аз 178 саҳифаи матни компютерии бо ёрии протсессори матнии Microsoft Word ҳарфчинишуда иборат буда, фарогири 15 расму 1 ҷадвал ва рӯйхати адабиёти иборат аз 157 номгӯй мебошад.

## АРЗИШМАНДИИ КОРҲОИ ИЛМИИ УНВОНҶӮ, ПУРРАГИИ БАЁНИ МАВОДИ ДИССЕРТАТСИЯ ДАР КОРҲОИ АЗ ҶОНИБИ УНВОНҶӮ БАНАШРРАСИДА

## ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

### а) Дастурҳои таълимие, ки бо тавсияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба чоп расидаанд:

[1-М]. Ҳусайнзода Р.С. Манаграфия, Саҳми Абурайҳони Берунӣ дар илми риёзиёт. / Ҳусайнзода Р.С., Комилӣ А.Ш. Душанбе: “Меъроҷ-Граф”, 2024. - 136с. ISSBN 987-99985-65-57-9.

[2-М]. Ҳусайнов Р.С. Дастури таълимӣ, Математикаи элементарӣ (Матни маърӯза ва коркарди дарсҳои амалӣ КМРО). / Сироҷиддини Д., Ҳусайнов Р.С.– Кӯлоб, 2023. - 226 с.

[3-М]. Ҳусайнов Р.С. Дастури методӣ. ( Супоришҳои мустақилона аз алгебра синфи 7 ) / Сироҷиддини Д., Ҳусайнов Р.С., Бажова М.А. -Кӯлоб, 2022. - 124 с.

[4-М]. Ҳусайнов Р.С. Дастури методӣ. (Ҳалли масъалаҳои тестӣ аз математика) Ба 30-солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида мешавад. / Маҳмудов Т. Ниёзов Ҷ. Ҳусайнов Р.С.-Душанбе, 2020. - 116 с.

[5-М].Ҳусайнов Р.С. Дастури методӣ. (Ҳалли масъалаҳои геометрияи синфи-8) / Маҳмудов Т. Ниёзов Ҷ. Ҳусайнов Р.С. Бажова М. Душанбе, 2019. - 152 с.

[6-М].Ҳусайнов Р.С. Дастури методӣ. (Машқ ва масъалаҳо аз математика қисми-1) / Маҳмудов Т. Ниёзов Ҷ. Ҳусайнов Р.С. Душанбе, 2017. - 231 с.

[7-М].Ҳусайнов Р.С. Дастури методӣ. (Машқ ва масъалаҳо аз алгебра қисми-2) / Маҳмудов Т. Ниёзов Ҷ. Ҳусайнов Р.С. Душанбе, 2017. – 160 с.

[8-М].Дастури методӣ. Геометрия (Машқ ва масъалаҳо барои синфҳои 1-7) / Маҳмудов Т. Шарифов Ш. Ҳусайнов Р.С. Дущанбе, 2016. - 160 с.

**б) Мақолаҳое, ки дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

[9-М]. Ҳусайнов, Р.С. Фаъолияти илмии Абурайҳони Берунӣ [Матн] / Р.С. Ҳусайнов // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи фанҳои табиатшиносӣ. 2025. №2-2(135). С.126-131. ISSN 263-6417

[10-М]. Ҳусайнов, Р.С. Муҳити илмии Хоразм ва нақши он дар сарнавишти Абурайҳони Берунӣ [Матн] / Р.С. Ҳусайнов, А.Ш. Комилӣ

Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи фанҳои гуманитарӣ. 2024. №. 2-1(120). С. 91-95. EDN OOBARO.

[11-М]. Ҳусайнов, Р.С. Касрҳои даҳии беохир ва татбиқи онҳо / Р. С. Ҳусайнов, Ш.А. Шарипов // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи фанҳои табиатшиносӣ. 2022. №. 1-4-1(104). – С. 114-117. EDN LOCEEG.

[12-М]. Ҳусайнов, Р.С. Абурайҳони Берунӣ нобиғаи илму фарҳанги тоҷик [Матн] / Р.С. Ҳусайнов // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Силсилаи фанҳои гуманитарӣ. 2022. №2 (27). С.116-118

[13-М]. Хусайнов, Р.С. Вопросы геометрии в «Киттаб-ут-тафхим» Бируни [Текст] / Р.С. Хусайнов Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия естественных наук. 2022. №2/1 (96). С.106-109.

[14-М]. Хусайнов Р.С. Математика в шахматах и роль Беруни в изучении индийской науки и культуры / Р.О. Раджабов, Р.С. Хусайнов, М.А. Комили // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия естественных наук. 2021. № 2-3(90). С. 110-113. EDN MAJGMD.

[15-М]. Ҳусайнов, Р.С. Саҳми олимони форсу тоҷик дар инкишофи математика ва ҳайатшиносӣ [Матн] / Р.С. Ҳусайнов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Душанбе, 2020. №. 9. С.326-330. EDN HFSSLG.

[16-М]. Ҳусайнов Р.С. Методикаи омӯзиши бузургиҳои векторӣ / Р.С. Ҳусайнов, Д. Сироҷиддини, У.С. Парвинаи // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ. Силсилаи фанҳои гуманитарӣ. 2020. №.1(24). С. 351-356. EDN BIVICM.

[17-М]. Ҳусайнов Р.С. Аз таърихи пайдоиш ва инкишофи оптика дар асрҳои миёнаи олами ислом / Р.С. Ҳусайнов, А.Ш. Комилӣ, И.Л. Холов, // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи фанҳои табиатшиносӣ. 2020. № 2-3(78). С. 93-96. – EDN PVLOXE.

[18-М]. Хусайнов Р.С. Роль и место величины. Пути и способы их измерения в циклах естественно-научных предметах / Р.С. Хусайнов С. Давлатали, Ш.А. Шарипов, // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия естественных наук. 2017. № 1-3(47). С. 186-189. EDN YLCWVW.

[19-М]. Хусайнов Р.С. "Маджма-ал-аркам" Мирзы Бади дивана и алгебра Мухаммеда-ал-Харезми / Р.С. Хусайнов М.Д. Гулматов, К.Р. Султонова, // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. – 2017. № 1-4(49). С. 171-177. EDN YVOHYY.

**в) Мақолаҳое, ки дар дигар нашрияҳо ба табъ расидаанд:**

[20-М]. Ҳусайнзода, Р.С. Ҷойгоҳи тригонометрия (илми мусалласот) дар системаи риёзиёти Абурайҳони Берунӣ [Матн] / Р.С. Ҳусайнов, Қ.Ҳ.Аъзамзода // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ дар мавзуи “Масъалаҳои мубрами математика дар замони муосир” бахшида ба 80-солагии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ва 85-солагии доктори илмҳои физика-математика, профессор Акбаров Раҳмат.- Кӯлоб, 2025. с.378-383.

[21-М]. Ҳусайнзода, Р.С. Моҳияти идҳои аҳли Хоразм вобаста ба бурҷҳо дар осори Абурайҳони Берунӣ [Матн] / Р.С. Ҳусайнов, Қ.Ҳ.Аъзамзода // Маводи конференсияи VII-уми байналмилалии илмӣ-назарияви дар мавзуи “Асосҳои физикӣ-кимёвии ҳосил кардан ва омӯзиши хосиятҳои комплексии масолеҳҳои нимноқилӣ, композитсионӣ ва диэлектрикӣ” бахшида ба 80-солагии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ва 85-солагии хотираи академик, доктори илмҳои химия, профессор Каримов Самариддин Каримович.- Кӯлоб, 2024. с.566-570.

[22-М]. Ҳусайнов, Р.С. Мухтасар роҷеъ ба инкишофи илм, санъат ва ҳунармандӣ дар Мовароуннаҳри замони Абурайҳони Берунӣ [Матн] / Р.С. Ҳусайнов, З.М. Муслиҳиддинов, М.А. Болтаев // Маводи конференсияи

илмӣ-назариявии байналмилалӣ дар мавзуи «Мақоми Абурайҳони Берунӣ дар таърихи тамаддуни форс-тоҷик», бахшида ба 1050-сологии мутафаккири бузург. – Бохтар, 2023. С.323-325.

[23-М]. Ҳусайнов, Р.С. Андар муносибатҳои фарҳангӣ, тиҷоратӣ ва иқтисодии Мовароуннаҳр дар замони Берунӣ [Матн] / Р.С. Ҳусайнов, М.А. Саломов, Н.Д. Максумова // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ дар мавзуи «Мақоми Абурайҳони Берунӣ дар таърихи тамаддуни форс-тоҷик», бахшида ба 1050-сологии мутафаккири бузург. – Бохтар, 2023. С.361-362.

[24-М]. Ҳусайнов, Р.С. Мавқеи функсияҳои геометрӣ дар эҷодиёти илмии Абурайҳони Берунӣ [Матн] / Р.С. Ҳусайнов, А.Ш. Комилӣ // Маводи конференсияи илмӣ-назариявӣ дар мавзӯи «Масъалаҳои актуалии илми риёзӣ ва методҳои тадқиқоти онҳо». Бахшида ба эълон гардидани солҳои 2020-2040 бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, даққиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (ш.Кӯлоб, 31 октябри соли 2023). – Кӯлоб: СИ “Қурбонов Сорбон”, 2023. С.35-38.

[25-М]. Ҳусайнов, Р.С. Моҳияти омӯзиши мафҳумҳои асосии алгебра ва назари таълимоти Абурайҳони Берунӣ. [Матн] / Р.С. Ҳусайнов // Маводи конференсияи илмӣ- назариявӣ дар мавзуи «Масъалаҳои актуалии илми риёзӣ ва методҳои тадқиқоти онҳо». Бахшида ба эълон гардидани солҳои 2020-2040 бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, даққиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (ш.Кӯлоб, 31 октябри соли 2023). – Кӯлоб: СИ “Қурбонов Сорбон”, 2023. С.131-134.

[26-М]. Ҳусайнов, Р.С. Андар ҳалли масъалаҳои геометрӣ дар осори Абурайҳони Берунӣ ва Абуалӣ Ибни Сино [Матн] / Р.С. Ҳусайнов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ таҳти унвони “Нақши Абурайҳони Берунӣ дар рушди илмҳои риёзиву табиӣ ва техникӣ”, бахшида ба пешвози 1050-солагии нобиғаи форс-тоҷик ва “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” (ш.Бохтар, 28 майи соли 2022). – Бохтар, 2022. С.60-67.

[27-М]. Ҳусайнов, Р.С. Истифодаи масъалаҳои таърихӣ дар дарсҳои математика [Матн] / Р.С. Ҳусайнов // Маводи конференсияи илмӣ-методии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Татбиқи алгебра ва назарияи ададҳо дар ҳалли масъалаҳои муосир» бахшида ба «Бистсолагии омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (2020-2040)», ҷашни «90-солагии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ», таҷлили «30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «85-солагии Давлятов Раҳматулло» соли 2020. – Душанбе, 2020. С.206-209.

[28-М]. Ҳусайнов, Р.С. Ҳалли масъалаҳои геометрӣ дар осори Абӯалӣ ибни Сино [Матн] / Р.С. Ҳусайнов // Мактаб. 2020. №12. С.17-19.

[29-М]. Ҳусайнов, Р.С. Истифодаи масъалаҳои таърихӣ дар дарсҳои математика [Матн] / Р.С. Ҳусайнов // Маърифати омӯзгор. 2021. №6. – С.53-55.

[30-М]. Ҳусайнов, Р.С. Шавқу рағбати хонандагон ба масъалаҳои таърихӣ [Матн] / Р.С. Ҳусайнов // Масъалаҳои методикаи таълим. 2021. – №6. С.40-43.

Дар маҷмуъ, мазмун ва мундариҷаи таҳқиқот, маводи дар диссертатсия истифодашуда, ҷанбаҳои назариявию методологии диссертатсия аз рӯйи ихтисосӣ 07.00.10.03. (илмҳои физика математика), доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300.03-(илмҳои физика математика), мувофиқат менамояд. Диссертатсия аз рӯйи натиҷаи назариявӣ ва хулосаи илмӣ, тавсияҳои амалӣ ва сатҳу сифати таҳияи худ ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ арзёбӣ мегардад.

Аз натиҷаҳои муҳокима,

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи докторанти PhD кафедраи математика ва методикаи таълими он Ҳусайнзода Руҳуллоҳ Салоҳуддин (Ҳусайнов Руҳулло Салоҳуддинович) дар мавзуи «Саҳми Абурайҳони Берунӣ дар инкишофи донишҳои риёзӣ дар асрҳои миёна» барои дарёфти дараҷаи илмии

доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси ихтисоси 6D060100 – математика, 6D060101 - Таърихи илму техника (математика), мувофиқат менамояд, ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ арзёбӣ мегардад.

2. Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси ихтисоси 6D060100 – математика, 6D060101 - Таърихи илму техника (математика) барои баррасӣ ба ҳимоя ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-061-и назди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав аз рӯйи ихтисосӣ ихтисоси 6D060100 – математика, 6D060101 - Таърихи илму техника (математика). пешниҳод карда шавад.

Хулоса, дар ҷаласаи васеи Муассисаи давлатии таълимии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз 30.10. 2025 Протоколи №3 қабул карда шудааст.

Раиси ҷаласа, номзади илмҳои педагогӣ,
мудири кафедраи математика ва
методикаи таълими они ДДК
ба номи А. Рӯдакӣ Ниёзов Ҷ.М.

Котиби ҷаласа: Сатторов Қ.А.

Маълумот барои тамос: Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кулоб, куч. С. Сафаров 16; Тел. (+9928 33 22) 2-35-07 E-mail:info@kqu.tj

Имзоҳои Ниёзов Ҷ.М. ва Сатторов Қ.А.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори РК ва КМ ДДК
ба номи А. Рӯдакӣ: Давлатов М.А.